## ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Аҳмади Зоҳидҷон дар мавзуи «Таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901-Молия, муомилоти пул ва қарз)**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Султонов З.С. (раиси комисия), доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҳикматов У.С. (аъзо) ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифзода Б.М. (аъзо), ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 19.03. 2025, суратмаҷлиси № 107 таъсис дода шудааст, диссертатсияи Аҳмади Зоҳидҷон дар мавзуи «Таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901-Молия, муомилоти пул ва қарз) пешниҳод шудааст, баррасӣ намуда, хулосаи зерин баровардаанд:

1. **Муҳимияти мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити имрӯза масъалаҳои барои рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳимтарин таъминоти молиявии равандҳои сармоягузорӣ мебошад. Шаклҳои маблағгузорӣ дар доираи таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ воситаи такондиҳандаи рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ ба шумор меравад. Самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт аз сиёсати интихобшудаи таъминоти молиявии татбиқи ҳар як лоиҳаи сармоягузорӣ вобаста мебошад. Барои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ механизм ва низоми муносиби таъминоти молиявӣ барои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ зарур аст.

Масъалаҳои таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ дар шароити муосир хело муҳим мебошад. Сармоягузорӣ манбаи муҳими таъминоти молиявии рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ метавонад ба раванди татбиқи лоиҳаҳои марбут ба ташаккул ва таҷдиди истеҳсолии корхонаҳои соҳаҳои мазкур таъсири мусбат расонад. Масъалаи баланд бардоштани фаъолнокии сармоягузорӣ дар сатҳи соҳаҳои афзалиятнок ва ҳам дар сатҳи субъектҳои иқтисодии дар ин соҳаҳо фаъолияткунанда бештар ба мушкилоти ҷустуҷӯ ва дарёфти манбаъҳои маблағгузорӣ

алоқаманд мебошад.

Бинобар ин, коркарди нокифояи назариявии муаммоҳои дар боло зикршуда ва эътибор надодан ба аҳамияти амалии он дар шароити муосир мубрамии таҳқиқоти диссертатсиониро муайян менамояд.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гадрдида, дар кафедраи мазкур муҳокима ва барои ҳимоя дар шурои диссертасионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шудааст.

3. Хулосаи  дар кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабулгардида, баҳои объективонаи диссертатсияро дар бар гирифта, мусбӣ мебошад.

4. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 34 – и Тартиби додани дараҷаҳои илм, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи молия ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

Дар таҳқиқоти илмӣ чунин натиҷаҳои аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ, ки маҷмӯи умумии онҳо дар рушди молиякунониии самтҳои соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ моҳияти бениҳоят баланд доранд, пешниҳод гардидаанд. Таҳқиқоти илмӣ фарогири масъалаҳое мебошад, ки барои раванди маблағгузорӣ, ки аз мафҳуми таъминоти молиявии фаъолияти сармоягузорӣ бармеояд, ба дараҷаи кофӣ баррасӣ ва аз ҷиҳати назариявӣ дуруст муайян карда нашудааст.

5. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пул ва қарз, ки вобаста аз он ба шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Коммисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 – юми декабри соли 2021, таҳти №349 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 25 майи соли 2023, таҳти №6 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

6. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 18 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 8,0 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 6,9 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 5 мақола дар

маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ба табъ расонида шудаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

7. Дар диссертатсия Аҳмади Зоҳидҷон истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъҳаз тавассути иқтибос ба расмият даровoрда шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Асолати матни автореферати диссертатсия 80,09 % ва диссертатсия 79,33 % аз ҳаҷми умумии кор ифода мекунад, ки бо маълумотнома тасдиқ карда шудааст. Иқтибосҳо ба расмият даровaрда шуданд.

8. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Аҳмади Зоҳидҷон маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чопнагардида мавҷуд нест.

9. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ва бандҳои 67, 69, 74-75, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ба ӯҳда гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Аҳмади Зоҳидҷон дар мавзуи «Таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901-Молия, муомилоти пул ва қарз) ба шурои диссертасионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин муқаррар карда шаванд:

- **Бобоҷониён Даврон Дадоҷон** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи “Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон”.

- **Бобозода Алишер Абдураҳмон** – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи молия ва қарз дар КАС-и “Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур”.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар диссертатсия Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Султонов З.С.**

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шӯрои диссертатсионӣ **Ҳикматов У.С.**

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
аъзои шӯрои диссертатсионӣ **Шарифзода Б.М.**

05.04.2025